**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**молия ва иқтисоди Тоҷикистон,**
**н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.**
**________________________**
**«26» ____10_______ 2023с.**

## НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 3

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 24 октябри 2023с. ш. Душанбе

**Раисикунанда:** Насриддинов Фирузҷон Бобоевич - н.и.и. профессор., мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДМИТ.

**Котиб:** Нуридинов Сунатуло Зубайдулоевич – н.и.и, дотсент мудири кафедраи иқтисодӣ корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ.

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Аминов И.А., д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О, д.и.и., профессор Ҳоҷаев П., д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш.Б., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Наҷмиддинзода А.Ю., н.и.и., дотсент Муртазоев Н.А., н.и.и., дотсент, Маъдиев С., н.и.и., дотсент Ғафуров Ғ., н.и.и., дотсент Умаров А.У., н.и.и., дотсент Убайдов Ф.С., н.и.и., дотсент Сангинзода Э., н.и.и., дотсент Воҳидов У., н.и.и., дотсент Тилябов Ё, н.и.и., дотсент Урунбоева Н., н.и.ҳ., дотсент Ҳаитов С., н.и.и., муаллими калон Аюдусаторзода С. А., н.и.и., муаллими калон Исайнова М.Ҳ., муаллими калон Қаюмова С.Р., муаллими калон Ҷаборова М., муаллими калон Балхов Д., муаллими калон Рофизода С., муаллими калон Саидмаҳмадова С., муаллими калон Исмоилова С., ассистентони кафедраҳо Мирзоқурбонов Н.Ҳ., Негматов Ҷ., Нуров С., Додихудоев П., Давлатов Б.С., Расулзода Ҳ.М., ва унвонҷӯён.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзими ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз

рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ, Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар шароити авҷ гирифтани ноустувории иқтисодию – молиявӣ дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳидаи он, дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тавре, ки аз омӯзиш ва таҳлилҳо бар меояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳолати ногувори вазъи сиёсию иқтисодӣ ба вуқӯъ пайваст, ки оқибатҳои он иқтисодиёти фалаҷгаштаи кишварро боз ҳам ба нобудӣ оварда расонид. Гузариш аз низоми нақшави ба низоми бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии на танҳо маркази кишвар, инчунин ба тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла ба иқтисодиёти минтақаи Рашт низ хисороти зиёде расонид.

Бо мақсади баробарсозии рушди соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо тавассути танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо ҳукумати кишвар тавонист дар муддати зиёда аз 32-соли Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоидро барои рушди вилояту минтақаҳо фароҳам оварад.

Давлат барои танзими рушди минтақаҳои кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асосан диққати махсусро ба ҳавасмандсозии рушди вилоятҳои ақибмонда равона намуда, сабабҳои дигаргуниҳои иҷтимоию – иқтисодиро муайян месозад. Бинобар ин таваҷҷуҳи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ ба пешбурди сиёсати асосноки минтақавӣ бо мақсади коҳиш додани фарқият дар шароити объективии хоҷагидории байни минтақаҳо, ва ҳосил намудани таносуби беҳтари рушди иқтисодии минтақа нигаронида мешавад.

Исботи илмии нақшу вазифаҳои давлат дар рушди низоми иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо дар асоси танзим ва дастгирии давлатӣ аҳамияти илмӣ ва амалии ин масъалаҳо зарурати интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян мекунад.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён: д.и.и., профессор Хоҷаев П., н.и.и., дотсент Наҷмиддинзода А.Ю., н.и.и., дотсент Муртазоев Н.А., н.и.и., дотсент Убайдов Ф., н.и.и., дотсент Воҳидов У., н.и.и., дотсент Тилябов Ё, н.и.и., дотсент Урунбоева Н., н.и.ҳ., дотсент Ҳаитов С., н.и.и., муаллими калон Аюдусаторзода С. А., муаллими калон Қаюмова С.Р., муаллими калон Ҷаборова М., муаллими калон Балхов Д., муаллими калон Рофизода С., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба саволҳои онҳо унвонҷӯ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич ҷавобҳои саҳеҳу мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович баромад намуда, оид ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич суханронӣ намуда, аз ҷумла иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди педагогӣ ва эҷодию амалӣ дошта, дар конфронсу семинарҳои донишгоҳи бо маърузаҳои худ баромад намуда, диссертатсияи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб рафта, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Насриддинов Ф.Б. - номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва Нуриддинов С., - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин д.и.и., профессор Хоҷаев П., н.и.и., дотсент Маъдиев С., н.и.и., дотсент Ҳомидов А., н.и.и., дотсент Сангинзода Э.Н. н.и.и., дотсент Убайдов Ф.С., баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷӯ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи рисола муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд намуда, иқтидори истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки захираҳои минтақаи Раштро баррасӣ намуда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявию методӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич муҳаққиқи ҷавону кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи як қатор таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор семинарҳои илмӣ-амалӣ, конференсияҳои дохилидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи рисола,

нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар истифодаи самараноки механизмҳои рушди минтақаи Рашт вобастагӣ доранд пешниҳод намуданд.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал доданд. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедраҳо, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи « Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчуни омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия дода мешавад.
3. Қарори якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисодӣ корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2023, суратмаҷлиси №3 тасдиқ карда шавад.

Дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ-30 нафар, аз онҳо ба ҳуқуқи овоздиҳӣ-18 нафар. Аз ҷумла, бо ихтиоси диссератсияи муҳокимагардида д.и.и., профессорон-4 нафар, н.и.и., дотсентон-14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-18 нафар, муқобил нест, бетараф нест.

**Раис:**
н.и.и., профессор, мудири кафедраи
назарияи иқтисодии ДДМИТ Насриддинов Ф.Б.

**Котиб:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
иқтисодӣ корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Нуридинов С.З.

Дурустии имзоҳои **Насриддинов Ф.Б.** ва **Нуридинов С.З. - ро** тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ.** Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ